«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор
__________Раҳмон Д.С.
«7» июни соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

Диссертатсияи Абдуҷабори Сафаралӣ дар мавзуи **«Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

**Абдуҷабори Сафаралӣ** соли 2012-ум факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси «забон ва адабиёти тоҷик» хатм карда, солҳои 2017-2019 дар шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи ихтисоси «рӯзноманигорӣ» таҳсил намудааст. Вай баъди хатми магистратура соли 2020 таҳсилро дар зинаи докторантураи (PhD) идома дода, соли 2023 онро хатм кардааст.

Роҳбари илмӣ – **Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович**, доктори илми филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика аз 28.11.2018, суратҷаласаи № 4 ва дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 25.12.2018, суратҷаласаи № 5 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба докторанти фалсафа (PhD) Абдуҷабори Сафаралӣ маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои маҷмуӣ (транскрипт) додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Мавзуи кори таҳқиқии Абдуҷабори Сафаралӣ мубрам буда, дар он омӯзиши раванди ташаккули заминаи қонунгузорӣ, тавсифи вазъу ҳолати қонунгузорӣ, ки фаъолияти ВАО-и тоҷикро муайян мекунад, дараҷаи иштирок ва нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик ва матбуоти ақаллияти миллӣ, ки зернизоми хосаро ташкил мекунад таҳқиқ шудааст.

Шароити имрӯзаи демократикунонии ҷомеа, ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ фаъолнокии васоити ахбори оммаро хеле такмил додааст. Ҷомеаи муосир, ки мехоҳад дар бораи рӯйдодҳои рӯз огоҳӣ дошта бошад, ба баланд бардоштани сатҳи дониши равандҳо, на ба талаботи ҷаҳонӣ, балки ҳамчун ниёзи калон ба ВАО нигаронида шудааст.

Омӯзиши таҷрибаи таҳаввулоти васоити ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкорнамоии тамоюлоти асосии ташаккул ва амалкарди амсилаи муосири матбуоти даврии тоҷик имкон фароҳам меорад, ки тасаввуроти мо оид ба қонунмандиҳои рушди ВАО дар фазои пасошуравӣ ва ҳам дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон - оид ба вижагиҳои медианизомҳои кишварҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ ғанитар гарданд.

Солҳои 1991-1997 дар Тоҷикистон гузариш ба амсилаи иқтисоди бозаргонӣ оғоз ёфт, ҳамчунин, низоми нави ҷомеаи демократӣ ташаккул ёфтан гирифт, ки дар худ парламентаризм, бисёрҳизбӣ, сохтани ҷомеаи шаҳрвандиро фаро мегирад. Дар ин давра (солҳои 1991-1997) сарнавишти худи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери хатар монда буд, зеро дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ бо шиддат ҷараён дошт. Ин тағйироти усулӣ ба медиафазои Тоҷикистон бетаъсир намонданд. Соли 2010 марҳилаи интиҳои фаъоли таҳаввулот ба қайд гирифта мешавад: ба тариқи ниҳоӣ заминаи қонунгузорӣ ташаккул ёфт, ки фаъолияти ВАО-и давриро дар шароитҳои давлат бо иқтисоди бозаргонӣ муайян мекунад, навъҳои асосии нашрияҳо, ки барои ВАО маъмул ва хосанд ва дар асоси тиҷорату

соҳибкорӣ амал мекунанд, пайдо шуданд, аммо худи матбуоти тоҷик қисмати таркибии медианизоми ҷаҳонӣ гашта монд.

**Мақсади таҳқиқ** аз ошкорнамоии омилҳое иборат аст, ки таҳти таъсири онҳо ва дар кадом самтҳо таҳаввулоти сохторӣ ва мазмунии ВАО-и нашрии тоҷик сурат гирифтааст. Барои расидан ба ин аҳдоф ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст: –

- омӯзиши раванди ташаккули заминаи қонунгузории амалкарди низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тавсифи вазъу ҳолати қонунгузорӣ, ки фаъолияти ВАО-и тоҷикро муайян мекунад;
- тавсифи раванди ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян кардани дараҷаи иштирок ва нақши сармояи хориҷӣ дар раванди эҷоди низоми ВАО-и тоҷик;

**Объекти таҳқиқ** матбуоти нашршавандаи рӯзномавӣ ва маҷаллавии умумимиллӣ ва минтақавӣ дар ҷумҳурӣ (солҳои 1991-2019) буда, ҳамчунин, ВАО-и нашрии ақаллияти миллӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон нашр мешаванд.

**Предмети таҳқиқ** тағйироту таҳаввулоти миқдорию сифатии ВАО-и нашрии тоҷик дар давраи зикршуда ва дар ниҳоят нисбати ташаккули амсилаи нави матбуоти даврии тоҷик аст.

**Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ**. Дар кори диссертатсионӣ ба осори назарии муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла М. Кастелс, М. Маклюен, Р. Негрин, Г. Першке, К. Фиоре, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, И.К. Усмонов, Ҷ. Саъдуллоев, Яъқубов Ҷ.К., Сухроби М., Боқиева Л.Ф., Н.Н. Солеҳов, А.Н. Нуралиев, М.Б. Муродов, М. Абдуллозода, Ш.Б. Муллоев, М. Муқимов, Р. Бобоҷониён, С. Хоҷазода, З. Муъминҷонов ва дигарон такя шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки дар он нахустин маротиба ҳаматарафа эҷоди амсилаи нави матбуоти даврӣ ва амалкарди он дар давлати наве, ки қаблан дар ин шаклу мазмун мавҷуд набуд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зимнан таҳаввули матбуоти даврии тоҷик ҳамчун раванди ягона баррасӣ гардидааст, ки оғози худро дар

доираи мавҷудияти давлати ягонаи тоҷик касб карда, рушди худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба даст овардааст.

**Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки маводи ҷамъоварӣ ва ба низом даровардашуда имкон медиҳад, тасаввуроти илмӣ оид ба равандҳои вобаста ба таҳаввулоти мазмунию моҳиятӣ, гузариш аз вобастагии ВАО ба матбуоти даврии озоду демократӣ дар шароитҳои ҷаҳонишавӣ ғанитар гарданд, нақш, мақом ва ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии кишвар муайян карда шавад. Хулоса ва натиҷаҳои кори таҳқиқӣ метавонанд зимни гузаронидани таҳқиқоти нисбатан амиқтар ва густурдатар дар соҳаи журналистикаи муосир истифода гарданд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Абдуҷабори Сафаралӣ дар мақолаҳои зерини муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Абдуҷабори Сафаралӣ. Вижагиҳои мустақилгардии ВАО-и тоҷик / Сафаралӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои филологӣ. (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2018. – № 8. Қ. II. – С. 254-257.

[2-М]. Абдуҷабори Сафаралӣ. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи назариявии гузариши ВАО-и вобаста ба мустақил / Сафаралӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои филологӣ. (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 274-279.

[3-М]. Абдуҷабори Сафаралӣ. Заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти даврӣ / Сафаралӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2019. – № 6. – С. 281-286.

[4-М]. Абдуҷабори Сафаралӣ. Ожонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Сафаралӣ А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои филологӣ. (ISSN 2413-516X). – Душанбе, 2022. – №6. – С. 233-238.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқ ноил шудааст.

Кафедра рисоларо муҳокима карда, ба хулосаи зерин омад:

1. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Таркиби кор ба мақсаду мароми таҳқиқ мувофиқ аст.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян карда шудааст, ки заминаи қонунгузорӣ, ки фаъолияти ВАО-и тоҷикро танзим мекунад, аксаран бо дарназардошти талаботи таъмини амалкарди муассиру корагари ВАО дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, ки гузаштан ба он баъди худдорӣ аз иқтисоди нақшавӣ ба низоми хоҷагидорӣ зарурати воқеӣ шуда монд.

3. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардидааст, ки равандҳои таҳаввулотӣ дар матбуоти тоҷик, ки мустақиман бо пошхӯрӣ ва нузули низоми сотсиалистӣ ва оғози таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ алоқаманданд, дар доираи касб кардани соҳибихтиёрӣ ҳамчун давлати ягона дар самти ташаккули амсилаи тиҷоратии матбуоти даврии ВАО оғоз ёфтаанд.

4. Муайян карда шудааст, ки нашрияҳои калони хориҷӣ, новобаста ба теъдоди хурди нашриёти тоҷикӣ, таъсири ҳалкунанда ба ташаккули амсилаи тиҷоратии муосири матбуоти тоҷик расониданд.

5. Сохтори матбуоти муосири тоҷик бо он муайян карда мешавад, ки дар шароитҳои иқтисоди бозаргонӣ нашри матбуоти маҷаллавӣ ва рӯзномавӣ яке аз навъҳои соҳибкорӣ шуда монд, ки барои ба даст овардани даромад нигаронида шудааст. Биноан, хосиятҳои вижаи он дар замони муосир чунинанд:

1) Дар дараҷаи умумитоҷикӣ:

– Мавҷуд набудани матбуоти яккаҳизбӣ;

– Мавҷудияти матбуоти сифатӣ ва хусусии даврӣ, зимнан дар шароити имрӯза барои хонандагон мавриди шавқу завқ ва таваҷҷуҳ рӯзномаю маҷаллаҳои хусусӣ қарор доранд;

2) Маҳдудгардии матбуоти маҷаллавии хусусии ҷиддӣ (ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ) бо нашрияҳои нисбатан қолибтар барои рекламадиҳандагон (телевизионӣ, маҷаллаҳои занона ва ғайра);

3) Дар дараҷаи минтақавӣ:

– Рушди матбуоти вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бо усули шабакавӣ, яъне тамаркузи он дар дасти яке аз ноширон, ки якчанд вариантҳои рӯзномаҳои мутафовитро таҳти унвони умумӣ ва бо ягона шакл ва бандубасти графикӣ фаро мегирад

Кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи Абдуҷабори Сафаралиро дар мавзуи **«Вижагиҳои гузариши ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вобастагӣ ба озоду демократӣ дар солҳои Истиқлолият: дурнамоҳо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо иштироки мутахассисон аз муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, қабул гардид.

Иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, суратҷаласаи № 9, аз 31.05.2023.

Раисикунадаи ҷаласа:
н.и.ф., дотсент: Исмоилова Ф.Қ.

Мудири кафедраи журналистика,
муаллими калон А. Абдулмаҷид

Котиби илмии ҷаласа:
муаллими калони кафедра Сафарзода М.Н.

Имзоҳои н.и.ф., дотсент Исмоилова Ф.Қ., А. Абдулмаҷид ва М.Н. Сафарзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.
31 майи соли 2023